# Пайғамбарлар 1



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


СОЛИ 740 ТО МИЛОД, ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ ПОДШОҲ УЗЗИЁ.
УРШАЛИМ, ПОЙТАХТИ ЯҲУДО.
ИШАЪЁ, МЕГӮЯНД, КИ ИСРОИЛ БА АШШУР ХИРОҶИ ЗИЁД ДОДААСТ!
ҲА, ВА ИН ҲУҶУМИ АШШУРРО БА ҶАНУБ БОЗДОШТ.
АММО ТО БА КАЙ?
Ишаъё
АММО ТО БА КАЙ?
ИСРОИЛ МОНЕАЕ БАЙНИ МО ВА АШШУР АСТ!
ВА УЗЗИЁ ҚУДРАТИ ҲАРБИИ МОРО ЗИЁД КАРДА ИСТОДААСТ!
Ҳа. Ва аз ҳама муҳим он аст, ки Уззиё
Худоро пайравӣ менамояд.
УМЕДВОРАМ, КИ ЮТОМ НИЗ ПАС АЗ ВАФОТИ ПАДАРАШ ХУДОРО ПАЙРАВӢ МЕКУНАД.
ИШАЪЁ! ПАРВО НАКУН!
САРҲАДҲОИ МО ДАР БЕХАТАРӢ, ДЕВОРҲОЯМОН МУСТАҲКАМ, ВА ГАНҶИНАҲОЯМОН ПУР АЗ ТИЛЛО МЕБОШАНД!
МАН БАРОИ ДИЛҲОИ ОДАМОН ДАР ТАШВИШ ҲАСТАМ …
ДАР БОРАИ ИШАЪЁ НОМ ШАХС МАЪЛУМОТ КАМ АСТ, ҒАЙР АЗ НАВИШТАҲОИ Ӯ.
ВА Ӯ НАВИШТААСТ: «ДАР СОЛИ ВАФОТИ УЗИЁ…»


«…МАН ПАРВАРДИГОР РО ДИДАМ».
ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ!
ҚУДДУС АСТ ПАРВАРДИГОРИ ҚОДИРИ МУТЛАҚ!
ТАМОМИ ЗАМИН АЗ ҶАЛОЛИ Ӯ ПУР АСТ!
ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ!
ҚУДДУС АСТ ПАРВАРДИГОР!
«МАН ПАРВАРДИГОРРО ДИДАМ, БАЛАНД ВА ОЛИРО».



Ишаъё 6:1-4


ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ!
ҚУДДУС АСТ ПАРВАРДИГОР!
ҚУДДУС АСТ ПАРВАРДИГ ОРИ ҚОДИРИ МУТЛАҚ!
ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ!


ВОЙ БАР МАН!
МАН ТАМОМ ШУДАМ! МАН ПАРВАРДИГОРРО ДИДАМ!
МАН… МАН ШАХСИ ГУНОҲКОР ҲАСТАМ!
ШАХСИ ГУНОҲКОР ВА ҲАРОМЛАБ ҲАСТАМ, ВА ДАР МИЁНИ ҚАВМИ ҲАРОМЛАБ СУКУНАТ ДОРАМ! АММО МАН ПАРВАРДИГОРИ ҚОДИРИ МУТЛАҚРО ДИДАМ!
ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ!
ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ! ҚУДДУС АСТ!
ҚУДДУС АСТ ПАРВАРДИГОРИ ҚОДИРИ МУТЛАҚ, ПОДШОҲИ ЛАШКАРҲОИ ОСМОН!

Ишаъё 6:5-6


ИНАК
ЛАХЧА БА ЛАБҲОЯТ РАСИД
ГУНОҲАТ ДУР ШУД
ХАТОЯТ КАФОРАТ ЁФТ
«БАЪД МАН ШУНИДАМ, КИ ХУДО ПУРСИД».
БА НАЗДИ ХАЛҚЕ КИ ТУ ДАР БОРАИ ОН ГУФТӢ, КИРО БИФИРИСТАМ?
КӢ БАРОИ МО МЕРАВАД?
ИНАК, МАН ҲОЗИРАМ! МАРО БИФИРИСТ!
ИНАК, МАН ҲОЗИРАМ! МАРО БИФИРИСТ!
РАВ ВА БА ОНҲО ГӮЙ, КИ ОНҲО ШУНИДАНРО ДАВОМ ДИҲАНД, ВАЛЕ НАФАҲМАНД!
БИНАНД, ВАЛЕ НАДОНАНД!
ЧУНКИ АГАР ДИЛҲОИ ОНҲО КУНДФАҲМ, ГӮШҲОШОН ВАЗНИН ВА ЧАШМҲОШОН БАСТА БУДАНРО БАС КУНАД...
Ишаъё 6:7-10




Ишаъё 6:10-13; Ишаъё 1


ТАХТИ ПОДШОҲӢ АЗ ЮТОМ БА ПИСАРАШ ОҲОЗ ГУЗАШТ.
ГӮШ КУНЕД, МАРДУМ!
ДӮСТДОШТАИ МАН БАР ТЕППАИ ҲОЗИЛХЕЗ ТОКЗОРЕ ДОШТ!
«Ӯ ОНРО АЗ САНГҲО ТОЗА КАРД, ТОКИ АНГУРИ АЪЛОСИФАТ ДАР ОН ШИНОНД, ЧАРХУШТЕ ДАР ОН КАНД!»
«АММО…»
«…АММО ОН ФАҚАТ АНГУРИ БАД БА БОР ОВАРД!»
«ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД: "МАН ҲАМА КОРИ ИМКОНПАЗИРРО КАРДАМ! ПАС ЧАРО ТОКЗОРИ МАН МЕВАҲОИ БАД БА БОР МЕОВАРАД?"»
«БИНОБАР ИН МАН ЧУНИН МЕКУНАМ».
«ОН ПОЙМОЛ МЕШАВАД. ВА МАН ОНРО ХАРОБАЗОР МЕГАРДОНАМ».
«БА ҶОИ АНГУР ДАР ОН ХОР ХОҲАД РӮИД».
ХАЛҚИ ИСРОИЛ ТОКЗОРИ ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО АСТ!
МАРДУМИ ЯҲУДО – НИҲОЛИ ДИЛПАЗИРИ Ӯ!
ПАРВАРДИГОР ИНТИЗОРИ ИНСОФ АСТ, АММО НОИНСОФИРО МЕБИНАД!
Ӯ РОСТКОРИРО МЕҶӮЯД, АММО ДОДУ ФАРЁДРО МЕШУНАВАД!
ЭЙ ВОЙ БАР ОНҲОЕ КИ БАДИРО НЕКӢ, ВА НЕКИРО БАДӢ МЕНОМАНД.
МАРДУМ ШАРИАТИ ПАРВАРДИГОРРО РАД КАРДА ҒАЗАБИ ПАРВАРДИГОРРО БАРАНГЕХТААНД!
АГАРЧИ ИШАЪЁ МАРДУМРО ДАЪВАТ МЕНАМУД, КИ СӮИ ПАРВАРДИГОР БОЗГАШТ НАМОЯД, ОҲОЗ АЗ Ӯ РӮ ГАРДОНД.


БА ОҲОЗ НИЗ ХАБАРИ ОГОҲКУНАНДА ДОДА ШУД …
АРАМИЁН ДАР ЗАМИНИ ЭФРОИМ УРДУ ЗАДААНД.
ОНҲО ТУРО АЗ ТАХТ САРНАГУН КАРДАНӢ ҲАСТАНД!
ПАС, ПОДШОҲИ ШИМОЛӢ ҲАҚИҚАТАН ИТТИФОҚЧИИ АРАМ ШУДААСТ!
ИН МАЪНОИ ОНРО ДОРАД, КИ МО МУШКИЛОТИ ЗИЁД ДОРЕМ!
ИН МАЪНОИ ОНРО ДОРАД, КИ МО МУШКИЛОТИ ЗИЁД ДОРЕМ!
ИН ХЕЛЕ БАД АСТ! ЧӢ БОЯД КАРД?
ШОЯД, МО НИЗ ИТТИФОҚЧӢ БИҶӮЕМ …?
ТУ БО ПИСАРАТ ШЕОРЁШУБ …
… БА ОХИРИ ҶӮЙИ ҲАВЗИ БОЛО, БА РОҲИ САҲРОИ ГОЗУРОН БА ИСТИҚБОЛИ ОҲОЗ БАРО…
…АЗБАСКИ ИН САРЧАШМАИ АСОСИИ ОБ АСТ, МО БОЯД ДИЛПУР БОШЕМ, КИ ОН ДАР БЕХАТАРӢ АСТ.
ОҲОЗ, НИГОҲ КУН.
…ВА ПАЁМИ МАРО БА Ӯ БИРАСОН.
ЧӢ ШУДААСТ, ИШАЪЁ?
МАН БО ХАБАРИ РӮҲБАЛАНДКУНАНДА ОМАДАМ, ПОДШОҲ ОҲОЗ.
ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД: НАТАРС.



АРАМ ВА ПОДШОҲИИ ШИМОЛӢ – АХГАРҲОИ КӮРДУД СӮХТАИСТОДА МЕБОШАНД!
ОНҲО ЗАБОН ЯК КАРДА МЕГӮЯНД: «БАР ЗИДДИ ЯҲУДО РАФТА, ДЕВОРИ УРШАЛИМРО ХАРОБ МЕКУНЕМ».
АММО ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД:
«НАҚШАИ ОНҲО АМАЛӢ НАМЕШАВАД». «САРВАРИ ЭФРОИМ ПОДШОҲ ФАҚАҲ АСТ».
«ЭФРОИМ УСТУВОР НАМЕМОНАД». «ВА АГАР ИМОНАТ УСТУВОР НАБОШАД, ТУ НИЗ УСТУВОР НАМЕМОНӢ».
МО БОЯД СТРАТЕГИЯ ТАРТИБ ДИҲЕМ, ИШАЪЁ. МАН НАМЕТАВОНАМ ФАҚАТ БА СУХАНОНИ ТУ ТАКЯ КУНАМ!
ПАРВАРДИГОР ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, КИ АЗ Ӯ АЛОМАТҲО ДАРХОСТ КУНЕМ!
МАН ДАРХОСТ НАМЕКУНАМ!
МАН ХУДОРО НАМЕОЗМОЯМ!
ТУ АЗ ОН САБАБ АЗ Ӯ ДАРХОСТ КАРДАН НАМЕХОҲӢ, КИ ДАР АСЛ ҶАВОБИ ӮРО ШУНИДАН НАМЕХОҲӢ?
АММО АЛОМАТЕ АЗ ҶОНИБИ ПАРВАРДИГОР ХОҲАД ОМАД!
БОКИРАЕ ҲОМИЛА ШУДА, ПИСАРЕ МЕЗОЯД, ВА ӮРО ИМОНУИЛ НОМ МЕМОНАНД. ПЕШ АЗ ОН КИ БА ХӮРДАНИ ХӮРОКИ САХТ САР КУНАД, РАД КАРДАНИ ЧИЗИ БАД ВА ИХТИЁР КАРДАНИ ЧИЗИ ХУБРО ЁД МЕГИРАД!
АММО ПЕШ АЗ ИН АРАМ ВА ИСРОИЛ ХАРОБ МЕГАРДАНД!
ВА ПАРВАРДИГОР БАР ЯҲУДО ОН ГУНА ЗАМОНҲОИ ВАЗНИНРО МЕОВАРАД …
…КИ ҲЕҶ КАС ПЕШ АЗ ИН БО ОНҲО РӮ БА РӮ НАШУДА БУД! АММО ЯҲУДО УСТУВОР МЕМОНАД.
ҚАВМЕ КИ ДАР ТОРИКӢ МЕГАШТАНД, НУРИ АЗИМЕ ДИДАНД.
ДАР ХОНАДОНИ ДОВУД ПИСАРЕ ТАВАЛЛУД ХОҲАД ШУД, ВА ҲУКМРОНӢ БАР ДӮШИ Ӯ ХОҲАД БУД.
ВА ПОДШОҲИИ Ӯ ИНТИҲО НАХОҲАД ДОШТ.


Ишаъё 7, 8, 9


ШАҲРҲО БАР ЗИДДИ АШШУРИЁН ИСТОДАГАРӢ КАРДА НАТАВОНИСТАНД.
СОМАРИЯ. ДИМИШҚ. ҲАМОТ. ВА ҲАТТО ЗИЁДА АЗ ИН…
ПОДШОҲ ТИҶЛАТ-ФИЛНОСАР МУТАКАББИРОНА БА ЯҲУДО ТАҲДИД МЕКАРД.
…КАЛНУ, АРФОД, ДИМИШҚ ВА СОМАРИЯ – ҲАМА ЯК ХЕЛ МЕБОШАНД!
БО ВУҶУДИ БУТҲО ВА ХУДОЁНИ ОНҲО, ДАСТИ МАН БАР ПОДШОҲИҲОИ ОНҲО ЗАФАР ЁФТ!
БУТҲОИ СОМАРИЯ БУЗУРГ БУДАНД, АММО АКНУН …
«…БО УРШАЛИМ ВА БУТҲОЯШ ОНЧУНОН АМАЛ МЕКУНАМ, КИ БО СОМАРИЯ ВА БУТҲОЯШ КАРДААМ!»
ИН ДАҲШАТОВАР АСТ!
ҲА! ДАҲШАТОВАР! ТУ ШУНИДӢ, КИ ТИҶЛАТ-ФИЛНОСАР ЧӢ ГУФТ …
«ШУМО НОИНСОФ ҲАСТЕД, БАР ЗАРАРИ БЕЧОРАГОН ЯТИМОН ВА БЕВАЗАНОН ДОВАРӢ МЕКУНЕД!»
«ДАР РӮЗИ ҶАЗО ЧӢ КОР МЕКУНЕД? КАСЕ НАХОҲАД БУД, КИ КИ АЗ Ӯ МАДАД ПУРСЕД!»
«ПОДШОҲИҲОИ АШШУР ВА ДИГАР ПОДШОҲИҲО ТАМОМАН ХАРОБ МЕГАРДАНД ВА ДИГАР БАРҚАРОР НАМЕШАВАНД!»
«ХОНАДОНИ ДОВУД НИЗ ФУРӮ МЕҒАЛТАД!»
…АКНУН ОН ЧИРО, КИ ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД, ГӮШ КУН!
«АШШУР ГИРИФТОРИ ҒАМУ АНДӮҲ ХОҲАД ШУД!»
«АММО АШШУР – ЧӮБДАСТИ ҶАЗОИ МАН БАРОИ ХАЛҚИ ХУДОБЕХАБАР АСТ!»


«НАВДАЕ АЗ РЕШАИ ЙИСОЙ БЕРУН МЕОЯД».
«БАР Ӯ РӮҲИ ҲИКМАТ ҚАРОР МЕГИРАД».
«Ӯ ДОВАРИ ОДИЛ МЕШАВАД».
«Ӯ БАР ЗАМИН ОСОИШ МЕОВАРАД».
«ВА ОДАМОН БА НАВДАИ ЙИСОЙ, БА ЛИВОЕ БАРОИ ХАЛҚҲО РӮ МЕОВАРАНД!»
«РӮЗИ ПАРВАРДИГОР ФАРО МЕРАСАД!»
«ЗАМИН АЗ ҒАЗАБИ ПАРВАРДИГОР БА ЛАРЗА МЕОЯД!»
«БОБИЛ ФУРӮ МЕҒАЛТАД! АШШУР МАҲКУМ МЕШАВАД!»
«МӮОБ ХАРОБ МЕШАВАД! АРАМ НОБУД МЕШАВАД!»
«ТАМОМИ ҶАҲОН БА ДОВАРӢ КАШИДА МЕШАВАД!»
«ЗЕРО СОКИНОНИ ЗАМИН ТАМОМИ ОНРО НОПОК ВА ҲАРОМ КАРДАНД!»
«ЛАЪНАТИ ГУНОҲ ВА АЙБДОРӢ ОНРО ФУРӮ МЕБАРАД!»
«АММО РӮҲБАЛАНД ШАВЕД! ХУДО БО ҚАСОС МЕОЯД...»
«...АММО Ӯ ШУМОРО МАҲФУЗ ХОҲАД ДОШТ!»
«РАСТАГОРОНИ ХУДО БО НИДОҲОИ ҲАМДУ САНО ДАР СИОН ҶАМЪ МЕШАВАНД!»
«АНДӮҲУ ФИҒОН НЕСТ МЕШАВАД!»






I Подшоҳон 16


ОҲОЗ ВАФОТ КАРД, ВА ПИСАРАШ ҲИЗҚИЁ БА ТАХТ НИШАСТ.
БА ҶОИ ОН КИ АЗ ҶИҲАТИ СИЁСӢ ВА ДИНӢ БА АШШУР НАЗДИКТАР ШАВАД…
…Ӯ БАРҚАРОР НАМУДАНИ МУНОСИБАТҲОИ ХАЛҚРО БОХУДО САР КАРД.
САРҶУН АЗ АШШУР ШАҲРИ АШДӮДРО ЗАБТ НАМУД!
МО БОЯД БА ОНҲО ЁРӢ РАСОНЕМ! ПАС АЗ ОНҲО НАВБАТ БА МО РАСИДА МЕТАВОНАД!
ВА БОЗ ПАРВАРДИГОР БА ИШАЪЁ ПАЁМ ФИРИСТОД, ТО РАСОНАД.
ВА ТАРЗИ РАСОНДАНИ ОН …
ИТТИФОҚ БО МИСР ВА ҲАБАШ – БЕҲТАРИН …
НЕ!
МАН ДАР ПАЁМИ ИШАЪЁ ХИРАДРО МЕБИНАМ!
ДАР ПАЁМИ ИН ДЕВОНА?!
ОХИР. Ӯ СЕ СОЛ БАРАҲНА ВА ПОЙЛУЧ МЕГАШТ!
НАХОД ТУ АЗ БОИСИ СУХАНОНИ ИН АБЛАҲ КОРЕ КУНӢ?
СУХАНОНИ ӮСУХАНОНИПАРВ АРДИГОР МЕБОШАНД! – СУХАНОНИ ОДӢ, АММО АБЛАҲОНА НЕ!
«ЧУНОН КИ ХИЗМАТГОРИ МАН ИШАЪЁ СЕ СОЛ БАРАҲНА БУД,МИСР ВА ҲАБАШ НИЗ ҲАМИН ГУНА ШАРМСОР ХОҲАНД ШУД!»
«ПОДШОҲИ АШШУР ОНҲОРО БА АСОРАТ МЕБАРАД, ЧУНКИ ОНҲО БА ҚУДРАТИ МИСР УМЕД БАСТА БУДАНД!»
КОРЕ НАМЕКУНА М?НЕ!
МО НА БА МИСР, БАЛКИ БА ПАРВАРДИГОР УМЕД МЕБАНДЕМ!
БА ҶОИ ҲИМОЯИ АШДӮД МО ИСТЕҲКОМҲОИ ХУДРО ДАР ИН ҶО БУНЁД МЕКУНЕМ!





Ишаъё 36:1-37:2


ИЛЁҚИМИ НОЗИРИ БОРГОҲ, ИЛЁҚИМ, СӮИ ИШАЪЁ РАВОНА ШУД…
ҲИЗҚИЁ МЕПУРСАД, ОЁ ПАРВАРДИГОР КУФРГӮИИ РАБШОҚЕРО МЕШУНАВАД.
ИМРӮЗ РӮЗИ ТАНГӢ АСТ, ИШАЪЁ.
ҲА, АММО ПАРВАРДИГОР БА ҲИЗҚИЁ ПАЁМЕ ДОРАД.
«АЗ СУХАНОНИ АШШУРИЁН НАТАРС».
«САНҲЕРИБ ХАБАРЕРО МЕШУНАВАД…»
«…КИ МАН БА ГӮШИ Ӯ МЕФИРИСТАМ …»
«…ВА ЗАМИНИ ХУД БАРМЕГАРДАД, ВА АЗ ШАМШЕР МЕМИРАД».
ЧАНДЕ ПАС АЗ ОН КИ ҲИЗҚИЁ ДУО ГУФТ…
ХОҲИШ МЕКУНАМ,ПАРВАР ДИГОР, ФАРЁДИ МАРО БИШНАВ!
МОРО АЗ ДАСТИ САНҲЕРИБ НАҶОТ ДЕҲ, ТО КИ ТАМОМИ МАМЛАКАТҲО ДОНАНД, КИ ТАНҲО ТУ ХУДО ҲАСТӢ!
РАБШОҚЕБОЗ ЯК ПАЁМИ КУФРОМЕЗ ФИРИСТОД.
АММО ИШАЪЁ НИЗ ПАЁМ ФИРИСТОД.
Ӯ МЕГӮЯД: «ОНҲО БА ШАҲР ВОРИД НАМЕШАВАНД, ВА БА ОН ҶО ҲАТТО ТИР НАМЕАНДОЗАНД».
«МАН ИН ШАҲРРО ҲИМОЯТ МЕКУНАМ, МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР, ВА ОНРО НАҶОТ МЕДИҲАМ!»
ВА ҲАҚИҚАТАН, ҲАМОН ШАБ …

Ишаъё 37:3-35




Ишаъё 37:36-38:6; 2 Chronicles 32


ҲАНГОМЕ КИ ҲИЗҚИЁ СИҲАТ ШУД, МАНСАБДОРОН АЗ БОБИЛ БА ХАБАРГИРИИ Ӯ ОМАДАНД.
БА ШАРАФИ ҒАЛАБАИ ТУ БАР БЕМОРӢ ВА БАР МУҲОСИРАИ САНҲЕРИБ!
МО МЕДОНЕМ, КИ ДИГАР ПОДШОҲОН НИЗ БА ТУ ТӮҲФАҲО ФИРИСТОДААНД, АММО БА ҲАР ҲОЛ УМЕДВОРЕМ, КИ ИН БА ТУ МАЪҚУЛ МЕШАВАД!
ҲИЗҚИЁ ОН ҚАДАР ХУРСАНД ШУД, КИ ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ДАР ХАЗИНААШ БУД, БА ОНҲО НИШОН ДОД.
ҚӮРХОНАИ ХУДРО.
АНБОРИ АТРИЁТ ВА ҒАВҒАНИ АЪЛОРО.
ҲАНГОМЕ КИ ОНҲО ҚАСРРО ТАРК КАРДАНД …
ИН ОДАМОН КИҲО БУДАНД? ОНҲО АЗ ТУ ЧӢ МЕХОСТАНД?
ОНҲО АЗ БОБИЛ ОМАДААНД, ТО КИ БО МАН ВОХӮРАНД.
ОНҲО ЧИРО ДИДАНД?
МАН БА ОНҲО ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ДАР ХОНААМ БУД, НИШОН ДОДАМ. ЧӢ ШУДААСТ?
ҲИЗҚИЁ, ПАРВАРДИГОР БА МАН ФАРМУД, КИ БА ТУ ПАЁМЕ РАСОНАМ.
ӮМЕГӮЯД:«РӮЗЕ МЕОЯД, КИ ҲАР ОН ЧИ ДАР ХОНАИ ТУСТ …»
«…ВА ОН ЧИ ПАДАРОНАТ АНДӮХТААНД …»
«…БА БОБИЛ БУРДА МЕШАВАД».
«ҲАТТО ПИСАРОНАТ БА АСОРАТ БУРДА МЕШАВАНД».
КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР, КИ ТУ БА ЗАБОН РОНДӢ, НЕКӮСТ.
ЧУНКИ ДАР ЗАМОНИ МАН ОСОИШ ВА НЕКӮАҲВОЛӢ ХОҲАНД БУД.


ИШАЪЁ ПАЙҒАМБАРӢ КАРДАНРО ДАВОМ МЕДОД.
ПАЙҒАМБАРИҲОИ Ӯ ҲАМ ДАР БОРАИ АСОРАТ МЕГУФТАНД, ҲАМ ДАР БОРАИ ТАСАЛЛО.
ҲАМ ДАР БОРАИ МАСЕҲ, КИ МЕОЯД, ТО КИ ХИЗМАТ КУНАД ВА АЗОБ КАШАД …
ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГӮЯД:
«ҚАВМИ МАРО ТАСАЛЛӢ ДИҲЕД, ГУНОҲҲОИ УРШАЛИМ САЗОЯШОНРО ЁФТААНД».
ОВОЗИ НИДОКУНАНДАЕ ДАР БИЁБОН: "РОҲЕ БАРОИ ПАРВАРДИГОР ТАЙЁР КУНЕД".
"ҶАЛОЛИ ПАРВАРДИГОР ЗОҲИР МЕШАВАД ВА ҲАМА ОНРО МЕБИНАНД!"
«ИНАК, БАНДАИ МАН ХИРАДМАНДОНА ҲУКМРОНӢ ХОҲАД КАРД».
«Ӯ БОЛОДАСТ ВА НИҲОЯТДАРАҶА БАЛАНД ХОҲАД ШУД».
«АММО Ӯ НАМУДЕ НАХОҲАД ДОШТ, ТО ОДАМОН МУШТОҚИ ДИДОРАШ ГАРДАНД».
«Ӯ МАНФУР ХОҲАД БУД ВА ОДАМОН ӮРО ПИСАНД НАХОҲАНД КАРД».
«Ӯ БАРОИ ГУНОҲҲОИ МО МАҶРӮҲ ХОҲАД ШУД, ВА БА ВОСИТАИ ҶАРОҲАТҲОИ Ӯ МО ШИФО ХОҲЕМ ЁФТ».
«Ӯ ЧУН ҚУРБОНӢ БАРОИ ГУНОҲ ХУДРО БА КУШТАН МЕДИҲАД».
ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГӮЯД: «БИШНАВЕД, ВА ХОҲЕД ЗИСТ».
«МАН БО ШУМО АҲДИ АБАДӢ МЕБАНДАМ,МАРҲАМ АТҲОИ БОЭЪТИМОДИ ДОВУДРО МЕДИҲАМ».
«БАРОИ СИОН ВА БАРОИ ОНҲОЕ КИ АЗ ГУНОҲҲО БАРГАШТААНД, РАҲОКУНАНДАЕ ХОҲАД ОМАД».

Ишаъё 40-53


ҲИЗКИЁ ВАФОТ КАРД, ВА ПИСАРАШ МЕНАШШЕ БА ТАХТ НИШАСТ.
Ӯ ПОДШОҲИ БАДКИРДОР БУДА, ИМКОН ДОД, КИ ПАРАСТИШИ БУТҲО БАРҚАРОР КАРДА ШАВАД, ВА Ӯ ПАЙҒАМБАРОНРО КУШТ.
ЭЙ ПАРВАРДИГОР! МАН ДАР БОРАИ НЕКӮЙ, МУҲАББАТ ВА МАРҲАМАТИ ТУ ГУФТАНРО ДАВОМ МЕДИҲАМ!
ХУДОЁ, ИН ХАЛҚ ГӮЁ ҲЕҶ ГОҲ ТУРО НАМЕШИНОХТ!
МО НОПОКЕМ, ВА ҲАТТО КОРҲОИ РОСТКОРОНАИ МО ЧУН ЛИБОСИ ЧИРКИН АСТ!
МО ГИЛ ҲАСТЕМ, ВА ТУ – КӮЗАГАР!
ГУНОҲРО ТО АБАД ДАР ХОТИР НИГОҲ НАДОР!
БА ЁД ОВАР, КИ МО ХАЛҚИ ТУ ҲАСТЕМ!
НАХОД ХОМӮШ МОНӢ?
МАН ДАСТҲОИ ХУДРО СӮИ ҚАВМИ САРКАШЕ ДАРОЗ МЕКАРДАМ.
ОСМОН КУРСИИ МАН АСТ, ВА ЗАМИН – ҚАДАМГОҲИ МАН …
АММО МАН БА ШИКАСТАРӮҲ НАЗАР ХОҲАМ КАРД.
ВА БА УРШАЛИМ ХУРСАНДӢ ХОҲАД ОМАД.
ВА ДОВАРИИ ШАДИД БАР ҲАМАИ ХАЛҚҲО ХОҲАД ОМАД.
ОСМОНИ НАВ ВА ЗАМИНИ НАВЕ КИ МАН МЕОФАРАМ, ДАР ҲУЗУРИ МАН ПОЯНДА ХОҲАД МОНД.
НАСЛИ ШУМОНИЗ.
ҲАР БАШАР ХОҲАД ОМАД, ТО КИ БА ҲУЗУРИ МАН САҶДА КУНАД.
БАЪЗЕҲО ЧУНИН МЕҲИСОБАНД, КИ МЕНАШШЕ ИШАЪЁРО ҚАТЛ КАРДААСТ.
АММО, ЧУН БИСЁР ҶУЗЪИЁТИ ҲАЁТИ ИШАЪЁ, ТАФСИЛОТИ МАРГИ Ӯ НОМАЪЛУМАНД.




Ишаъё 40:10-11; Luke 4:16-21


ИРМИЁ
НОМИ Ӯ ИРМИЁ БУД.
Ӯ ЧУН «ПАЙҒАМБАРИ ГИРЁН» МАЪЛУМ БУД.
ПАЙҒАМБАРИ ЯҲУДӢ БУДА, Ӯ БО ОН МАЪРУФ АСТ, КИ НАВҲАҲОРО НАВИШТААСТ.
Ӯ БА КОҲИНОН, ПОДШОҲОН ВА МАРДУМИ ОДӢ КАЛОМИ ХУДОРО МЕРАСОНД.
ГОҲО ИН ПАЁМҲО БАД ҚАБУЛ КАРДА МЕШУДАНД.
ИН ЗАМОНИ БЕСУБОТӢ ВА ТАНАЗЗУЛИ БУЗУРГИ СИЁСӢ БУД.
АХАХАХАХ
БУУМ
ДАР АТРОФИ ЯҲУДО ИМПЕРИЯҲО БА ВУҶУД МЕОМАДАНД ВА АЗ БАЙН МЕРАФТАНД.
ДАР ЯҲУДО ҲУКМРОНОН МЕОМАДАНД ВА МЕРАФТАНД.
АММО ИРМИЁ БА ВАЗИФААШ ВА БА ПАЁМИ ТАҒЙИРНОПАЗИРИ ХУДО ВАФОДОР БУД.


ҲАТТО ҲАНГОМЕ КИ ИН ӮРО БА ИН ЧОҲ БАРИН ҶОЙ ОВАРДА РАСОНД.
ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ФАЪОЛИЯТАШРО САР МЕКАРД, КОРҲО ДИГАР ХЕЛ БУДАНД.
ИРМИЁ ДАР СОЛИ СЕЗДАҲУМИ ҲУКМРОНИИ ЮШИЁ ДАЪВАТ КАРДА ШУД.
ЮШИЁ, КИ ҲАНӮЗ ДАР ХУРДСОЛӢ БА ТАХТ НИШАСТА БУД.
ЮШИЁ, КИ АЗ НАВРАСӢ ПАРВАРДИГОРРО ПАЙРАВӢ МЕКАРД.
ЮШИЁ, КИ БУТҲОРО ШИКАСТ ВА ИБОДАТГОҲРО БАРҚАРОР НАМУД.


ПАДАРИ ИРМИЁ, ҲИЛҚИЁ, КОҲИН БУД.
ЭҲТИМОЛ,ИРМИЁ ҲАМЧУНИН БА КОҲИН ШУДАН ТАЙЁРӢ МЕДИД.
ПИСАРАМ, ҲАНГОМЕ КОРҲОЯТРО БА ОХИР МЕРАСОНӢ, БА ҶОЯШОН ГУЗОШТАНИ ЛӮЛАПЕЧҲОРО ФАРОМӮШ НАКУН.
АЛБАТТА, ПАДАР.
ХУДОРО ПАЙРАВӢ КАРДАНИ ПОДШОҲ МАЪНОИ ОНРО НАДОШТ, КИ ХАЛҚ НИЗ ҲАМИН ГУНА РАФТОР МЕНАМУД.
ВА АЗ ҲАМИН САБАБ ПАРВАРДИГОР БО ПАЁМЕ БАРОИ ХАЛҚ НАЗДИ ИРМИЁ ОМАД …
ИРМИЁ.
КИСТ… КИСТ ИН ҶО?!
МАН ҲАМОНАМ, КИ ТУРО ҲАНӮЗ ДАР БАТНИ МОДАРАТ ТАШАККУЛ ДОДААМ.
ПЕШ АЗ ОН КИ ТУ ТАВАЛЛУД ШАВӢ, МАН ТУРО ПАЙҒАМБАРИ ХУД БАРОИ ХАЛҚҲО ТАЪЙИН НАМУДАМ!
ЭЙ ПАРВАРДИГОР, МАН ИН КОРРО БА ҶО ОВАРДА НАМЕТАВОНАМ!
МАН ҶАВОНАМ! МАН НАМЕДОНАМ, КИ БА МАРДУМ ЧӢ ТАВР ГАП ЗАНАМ …
НАГӮЙ, КИ ХЕЛЕ ҶАВОН ҲАСТӢ!
БИРАВ! СУХАНОНИ МАРО БА МАРДУМ РАСОН!
НАТАРС, ЧУНКИМАН БО ТУЯМ!
МАН СУХАНОНИ ХУДРО БА ДАҲОНАТ ГУЗОШТАМ!



НИГОҲ КУН! ЧИРО МЕБИНӢ?
ДЕГИ ҶӮШОНЕ МЕБИНАМ, КИ АЗ ШИМОЛ БА ҶАНУБ ЧАППА ШУДААСТ.
ҲА, ПОДШОҲИҲО АЗ ШИМОЛ МУСИБАТ МЕОВАРАНД!
ИСРОИЛ МУРТАД ШУДААСТ! ИСРОИЛРО ДАЪВАТ НАМО, ТО СӮИ МАН БОЗГАШТ НАМОЯД!
ОНҲО БА ТУ МУҚОБИЛАТ МЕКУНАНД, АММО БАР ТУ ДАСТБОЛО ШУДА НАМЕТАВОНАНД …
«…ЧУНКИ МАН БО ТУЯМ!»
«БОЗГАШТ НАМО,ИСРОИЛИ МУРТАД», – МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР!
«ШЕР АЗ ШИМОЛ ЛОНААШРО ТАРК МЕКУНАД, ТО КИ ТАЛАФОТ ВА ХАРОБӢ ОВАРАД!»
ИРМИЁ СОЛҲОИ ЗИЁД ПАЁМИ ХУДОРО МЕРАСОНД.
«ШУМО ДУЗДӢ МЕКУНЕД, МЕКУШЕД ВА БУТҲОРО ПАРАСТИШ МЕКУНЕД, ВА БАЪД БА ХОНАИ ПАРВАРДИГОР МЕОЕД?»
«РОҲҲОИ ХУДРО ИСЛОҲ КУНЕД, ВАГАРНА ХАШМИ МАН БАР ИН МАКОН ФУРӮ МЕРЕЗАД!»
«ИН ЗАМИН ВАЛАНГОР МЕШАВАД!»
«ШУМО ХАЛҚЕ ҲАСТЕД, КИ БА ПАРВАРДИГОР БЕИТОАТӢ КАРДАЕД!»
ШУМО БА НАСИҲАТ ГӮШ НАДОДЕД!




ИРМИЁ 1-4, 7



МО ЧӢ ТАВР ӮРО МАҶБУР КУНЕМ, КИ МАВЪИЗА НАМУДАНРО БАС КУНАД?
ДАРАХТРО НОБУД КУНЕМ – САМАРРО НИЗ НОБУД МЕКУНЕМ!
ҲОЗИР ӮРО МЕКУШЕМ, ВА СУХАНОНИ Ӯ ФАРОМӮШ МЕШАВАНД…
БАЪЗЕҲО АЗ ДЕҲААТ АНОТӮТ ТУРО КУШТАНӢ ҲАСТАНД.
МАН ХУДРО БА ХИЗМАТИ ТУ БАХШИДААМ, ПАРВАРДИГОР!
ТУ РОСТКОРОНА ДОВАРӢ МЕКУНӢ! ДИЛҲОИ ОНҲОРО БИСАНҶ ВА ҚАСОС БИГИР…
АММО БА МАН ГӮЙ! ЧАРО БАДКИРДОРОН МУВАФАҚИЯТ МЕЁБАНД?
ИН ТО КАЙ ДАВОМ МЕКУНАД?
МАН ХАЛҚИ ХУДРО ДӮСТ МЕДОРАМ, АММО ОНҲОРО БА ДАСТИ ДУШМАН ХОҲАМ ДОД.
АММО МАН ҲАМДАРДӢ ЗОҲИР ХОҲАМ КАРД.
ПОДШОҲИҲОИ АТРОФИ ИСРОИЛ ИВАЗ МЕШУДАНД ВА МЕҶАНГИДАНД, БАРПО МЕШУДАНД ВА ХАРОБ МЕГАРДИДАНД.
ЮШИЁБА МУҲОРИБА БАР ЗИДДИ МИСР РАВОНА ШУД.
АММО КУШТА ШУД.
ЯҲУОҲОЗ, ПИСАРИ МИЁНАИ Ӯ, ТАХТРО СОҲИБ ШУД.
Ирмиё 11, 12






2 Chronicles 35:25; Ирмиё 13




2 Подшоҳон 23:31-34; Ирмиё 26:1-11, 20-23






Ирмиё 26:12-19; 22


ДАР СОЛИ ЧОРУМИ ҲУКМРОНИИ ЕҲӮЁҚИМ …
БОРУХ, МАН БА ТУ ЧУН БА КОТИБ ЭҲТИЁҶ ДОРАМ.
ВА БОЗ БА МАН БАЪЗЕ ЁРМАНДИҲО ДАРКОРАНД …
БОРУХ ПАЁМРО АЗ ПАРВАРДИГОР БО ҶИДДУ ҶАҲДИ МАХСУС НАВИШТ …
…ДАР БОРАИ МУСИБАТҲОЕ КИ БАР САРИ ЯҲУДИЁН МЕОЯНД, АГАР ОНҲО ТАВБА НАКУНАНД.
МАН БА ТУ ГУФТА БУДАМ, КИ БА ТУ БЕШ АЗ КОТИБИ ОДӢ ЭҲТИЁҶ ДОРАМ.
БА ИБОДАРГОҲ РАФТАНИ МАН НОМУМКИН АСТ.
ТУ БОЯД БА ҶОИ МАН БА ОН ҶО РАФТА, ИНРО БА МАРДУМ ХОНӢ.
МАН? АММО…
ИН СУХАНОНРО ҲАНГОМИ РӮЗА ГИРИФТАНИ МАРДУМ ХОН.
ШОЯД, ОНҲО РОҲҲОИ ХУДРО ДИГАР КУНАНД…
БОРУХ ЧУНИН КАРД.ВА БАЪД…
…ИН ОН ЧИЗЕСТ, КИПАРВАРДИГОР БА ВОСИТАИ ПАЙҒАМБАРАШ ИРМИЁ МЕГӮЯД!
ЭЙ ҶАВОН!
ТУ ХУДИ ҲОЗИР БО МАН МЕРАВӢ…


БА БОРУХ ФАРМУДА ШУД, КИ ЛӮЛАПЕЧРО ДАР НАЗДИ МИРОН ХОНАД.
ҲАНГОМЕ КИ Ӯ БА ОХИР РАСОНД …
ОЁ ИНРО ИРМИЁ БА ТУ НАВИСОНД?
ҲА.
МО БОЯД ДАР ИН БОРА БА ПОДШОҲ МАЪЛУМОТ ДИҲЕМ.
ТУ ВА ИРМИЁ БОЯД РАВЕД.
ПИНҲОН ШАВЕД.
ПОДШОҲ БОЯД ИН СУХАНОНРО ШУНАВАД, АММО Ӯ НОРОЗӢ МЕШАВАД.
ЛӮЛАПЕЧРО НАЗДИ ЕҲӮЁҚИМ ОВАРДА, БО ОВОЗИ БАЛАНД ХОНДАНД.
ВА ПАС АЗ ҲАР ЯК ҚИСМИ ХОНДАШУДА …
…ПОРЧА…
…АЗ ПАЙИ ПОРЧА…
…ЯҲУЁҚИМ ЛӮЛАПЕЧИ ИРМИЁРО СӮЗОНД.



Ирмиё 36:1-25




Ирмиё 36:27-32; 25; 45; 46


ТАВОНОИИ БОБИЛ АФЗУН ШУДВАЁҲУЁҚИМ ИСЁН НАМУД. ДУШМАНОН БА Ӯ ҲУҶУМ КАРДА ӮРО КУШТАНД.
Lorem ipsum
ЧУНОН КИ ИРМИЁ ПЕШГӮӢ КАРДА БУД, Ӯ БЕ ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМ ВА НАВҲАГАРӢ ДАФН КАРДА ШУД.
БАРОДАРИ ДИГАР, ЯКУНЁ, ҲАМАГӢ САД РӮЗ ПОДШОҲ БУД …
…ТО ДАМЕ КИ БОБИЛ СИДҚИЁРО БАР ЯҲУДО ПОДШОҲ КАРД.
ҲАНГОМЕ КИ БОБИЛ БА СИДҚИЁ ТАЪСИР РАСОНДАН ГИРИФТ, БА ИРМИЁ БОЗ КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР ДОДА ШУД.
ЧИРО МЕБИНӢ?
АНҶИРРО! БАЪЗЕ ПУХТА, БАЪЗЕ ПӮСИДА!
БОБИЛ БИСЁРЕРО АЗ ХАЛҚИ ТУ АСИР КАРДААСТ.
ОН ОДАМОН ЧУН ИН АНҶИРИ ХУБ МЕБОШАНД.
МАН ОНҲОРО НАЗОРАТ МЕКУНАМ, ДАР ҲАҚҚИ ОНҲО ҒАМХОРӢ МЕНАМОЯМ, ВА ОНҲО БА ИН ЗАМИН БАРМЕГАРДАНД.
ОНҲОЕ КИ ҲАНӮЗ ДАР УРШАЛИМ МЕБОШАНД, ЧУН АНҶИРИ БАД ҲАСТАНД.
МАН ОНҲОРО ҶАЗО МЕДИҲАМ. ОНҲО МАСХАРАВУ ЛАЪНАТ ГАРДИДА, НОБУД КАРДА МЕШАВАНД.
ДЕРТАР ПАРВАРДИГОР БА ИРМИЁ ФАРМУД, КИ ЮҒРО БА ГАРДАНАШ ПӮШИДА, ПАЁМИ ДИГАРЕРО РАСОНАД …
ХАЛҚҲО БА БОБИЛ ХИЗМАТ ХОҲАНД КАРД!
АГАР ОНҲО МУҚОБИЛАТ НАМОЯНД, АЗ БОИСИ ГУРУСНАГӢ ВА ҶАНГ НОБУД МЕШАВАНД!
СУХАНОНИ ИРМИЁ ӮРО НАЗДИ ПОДШОҲ СИДҚИЁ ОВАРДАНД.
ИН ЧӢ МАЪНО ДОРАД?
ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД, КИ ТУ БОЯД ГАРДАНАТРО ЗЕРИ ЮҒИ БОБИЛ ХАМ КУНӢ!
БАЪЗЕ ПАЙҒАМБАРОН МЕГӮЯНД:«БА ПОДШОҲИ БОБИЛ ХИЗМАТ НАКУН!»


ПАРВАРДИГОР ОНҲОРО НАФИРИСТОДААСТ. ОНҲО ДУРӮҒГӮЁНАНД.
ОНҲО МЕГӮЯНД, КИ АШЁҲОИ АЗ ИБОДАТГОҲ ГИРИФТАШУДА БА ЗУДӢ БОЗГАРДОНДА МЕШАВАНД.
ТО ДАМЕ КИ ПАРВАРДИГОР РОҲ НАДИҲАД, ҲАМАИ ОН ЧИ БОБИЛ ГИРИФТААСТ, БОЗНАМЕГАРДАД.
БА ПОДШОҲИ БОБИЛ ХИЗМАТ КУН ВА ЗИНДА БОШ.
АГАР БА ОН ПАЙҒАМБАРОНИ ДУРӮҒИН ГӮШ ДИҲӢ, МЕМИРӢ.
ОНҲО НИЗ МЕМИРАНД.
ИРМИЁ ДАР ИБОДАТГОҲ СУХАН РОНДА, РАСОНДАНИ ПАЁМИ ХУДРО ДАВОМ ДОД ...
ПАРВАРДИГОР ГУФТ, КИ Ӯ ОН ЧИРО, КИ АЗ ХОНААШ ДУЗДИДА ШУДА БУД, БАРМЕГАРДОНАД, ВА БАЪД АЗ ДУ СОЛ ЯКУНЁРО БАРМЕГАРДОНАД!
Ӯ ГУФТ, КИ ЮҒИ БОБИЛРО ДАРҲАМ МЕШИКАНАД!
ИН ХЕЛЕ ХУБ МЕБУД!
АГАР ҲАҚИҚАТ МЕБУД!
ПАЙҒАМБАРИ ҲАҚИҚӢ ОН АСТ, КИ СУХАНОНАШ ИҶРО МЕШАВАНД!
ВА МАН МЕГӮЯМ, КИ ПАРВАРДИГОР ЮҒИ БОБИЛРО ПАС АЗ ДУ СОЛ ДАРҲАМ МЕШИКАНАД!
КРАК
ТУ ЮҒИ ЧӮБИНРО ШИКАСТӢ, АММО ПАРВАРДИГОР БАР ХАЛҚҲО ЮҒЕ АЗ ОҲАН МЕГУЗОРАД.
ҲАНОНИЁ, ТУ ҲАМИН СОЛ МЕМУРӢ, ЗЕРО БО СУХАНОНАТ ЗИДДИ ХУДО БАРОМАДӢ.






Ирмиё 28:17; 21; 27:1-23




Ирмиё 29:24-32, 34


ПОДШОҲСИДКИЁ БОЗ АЗ ТУ ХОҲИШ МЕКУНАД, КИ АЗ НОМИ ПОДШОҲ БА ПАРВАРДИГОР МУРОҶИАТ НАМОЙ.
ЛАШКАРИ ФИРЪАВН АҚИБ НИШАСТ!
ВА БОБИЛ БАРМЕГАРДАД!
ПАЙҒАМБАРИҲО И ТУ ДУРӮҒАНД, ИРМИЁ,СУХАНОН И ТУ – ҚАРИБ ХИЁНАТ МЕБОШАНД…
ДЕРТАР…
ИРМИЁ, ТУ БА КУҶО РАВОНАӢ?
НЕ! МАН СУХАНОНИ ТУРО ДАР БОРАИ ПОДШОҲИ МО ВА БОБИЛ ШУНИДАМ!
САРДОР ИРЪИЁ, МАН БА ЗАМИНИ БИНЁМИН МЕРАВАМ, ТО БАРОИ ХУД ҚИТЪАЕ БИХАРАМ.
ТУ БА ТАРАФИ БОБИЛИЁН ГУЗАШТАН МЕХОҲӢ!
ӮРО ДАСТГИР КУНЕД!
ҲЕҶ КАС ЭЪТИРОЗҲОИ ИРМИЁРО ГӮШ НАМЕКАРД, ЗЕРО ОДАМОН АЗ ПАЁМҲОИ Ӯ БА ҒАЗАБ ОМАДА БУДАНД.
ЗАРБА
ӮРОЛАТУКӮБ КАРДАНД…
…ВА БА ЗИНДОНИ ЗЕРИЗАМИНӢ ПАРТОФТАНД.
Ӯ МУДДАТИ ЗИЁД ДАР ОН ҶО БУД, ТО ДАМЕ КИ…
ПОДШОҲСИДҚИЁ БАРОИ ОВАРДАНИ ТУ ФИРИСТОД.



Ирмиё 37:1-16



ТУРО ҲАНГОМИ ТАРК КАРДАНИ ШАҲР ДАСТГИР КАРДАНД.
МАН ҚИТЪАИ ЗАМИН ХАРИДАНӢ БУДАМ…
БАРОИ МАН АҲАМИЯТ НАДОРАД. МАН МЕДОНАМ, КИ ТУ БА ТАРАФИ БОБИЛ НАМЕГУЗАРӢ.
АММО ДОНИСТАН МЕХОҲАМ…
ОЁ ТУ БАРОИ МАН АЗ ПАРВАРДИГОР ПАЁМЕ ДОРӢ?
ҲА.
ТУ БА ДАСТИ БОБИЛИЁН СУПУРДА МЕШАВӢ.
ҲЕ!
ЧАРО МАН ЗИНДОНӢ ШУДААМ? МАН ҶИНОЯТЕ СОДИР НАКАРДААМ!
ХОҲИШ МЕКУНАМ, МАРО БАРГАРДОНДА БА ЗИНДОН НАФИРИСТЕД!
МАН ДАР ОН ҶО ҲАЛОК МЕШАВАМ!
СИДҚИЁ РАҲМ НАМУД.
ИРМИЁ ДАР ҲАВЛИИ ПОСБОНОН ЗАНҶИРБАНД БУД, ВА ОДАМОН БА ДИДОРБИБИИ Ӯ ОМАДА МЕТАВОНИСТАНД, АММО ХУДИ Ӯ РАФТА НАМЕТАВОНИСТ.
ҲАМААШ ИҶРО ШУД?
ХАРИДУФУРӮШ БА ИҶРО РАСИД.


БАЪДИ МУДДАТЕ …
ТУ ҲАНӮЗ ҲАМ ШИКАСТ ХӮРДАНИ МОРО ПЕШГӮЙ МЕКУНӢ.
ЧАРО ТУ БОЗНАМЕИСТӢ?
ЧАНДЕ ПЕШ ПАРВАРДИГОР БА МАН ГУФТ, КИ ШАХСЕ БА ДИДОРБИНИИ МАН МЕОЯД.
АМАКБАЧААМ. Ӯ ОМАД, ЧУНОН КИ ПАРВАРДИГОР ГУФТА БУД.
ӮМЕХОСТ, КИ МАН ДАР ЗАМИНИ БИНЁМИН ҚИТЪАЕ БИХАРАМ.
ВА МАН БА ОН ҶО РАВОНА БУДАМ, ПЕШ АЗ ОН КИ МАРО ДАСТГИР КУНАНД.
ВА МАН ОНРО ХАРИДАМ. ҲАМААШ ҚОНУНӢ. МАН ҲУҶҶАТИ ХАРИД ДОРАМ.
АНА ДАР ИН ҶО.
ОЁ МЕДОНӢ, КИ БАРОИ ЧӢ?
ИН ЗАРФИ ГИЛИН ҲУҶҶАТИ ХАРИДИ ИН ЗАМИНРО ҲИМОЯ МЕКУНАД.
ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД, КИ ИН ЗАМИН МЕСӮЗАД, АММО Ӯ ХАЛҚАШРО НИГОҲ МЕДОРАД.
РӮЗЕ ФАРО МЕРАСАД, КИ МАРДУМ БОЗ ҚИТЪАҲОИ ЗАМИН МЕХАРАНД ВА МЕФУРӮШАНД.
ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД: «МАН ЗАМИНРО ОФАРИДАМ. МАРО БИХОН, ВА МАН БА ТУ ҶАВОБ МЕДИҲАМ!»
УРШАЛИМ ЧУН БИЁБОН ҒАЙРИМАСКУН ХОҲАД ШУД.
АММО ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД: «МАН ХАЛҚИ ХУДРО ШИФО МЕДИҲАМ!»
ДИГАР ХАЛҚҲО МЕГӮЯНД, КИ ПАРВАРДИГОР АЗ МО РӮ ГАРДОНДААСТ!
АММО ПАРВАРДИГОР АҲДИ ХУДРО ДАР ЁД ДОРАД!
Ӯ ХАЛҚИ ХУДРО БОЗ БАРАКАТ ХОҲАД ДОД ВА ДӮСТ ХОҲАД ДОШТ!


ЭЙ ҲАЗРАТАМ ВА ПОДШОҲАМ, ДАЪВАТИ ИРМИЁ ДАР ХУСУСИ ТАСЛИМ ШУДАН БА БОБИЛ – ХИЁНАТ АСТ!
Ӯ БОЯД КУШТА ШАВАД!
ПИСАРИ МАН РОСТ МЕГӮЯД!
СУХАНОНИ ИРМИЁ УМЕДИ ХАЛҚИ МОРО БАРБОД МЕДИҲАНД!
ВА УМЕДИ САРБОЗОНИ МОРО!
ОНҲО МЕПУРСАНД, КИ ОЁ МУБОРИЗА БУРДАН АҲАМИЯТЕ ДОРАД!
МАН ӮРО БА ДАСТИ ШУМО МЕДИҲАМ.
ВА БАЪД …
АКНУН ҲЕҶ КАС ПАЙҒАМБАРИҲОИ НОУМЕДОНАИ ТУРО ДАР БОРАИ ШИКАСТИ БУЗУРГ НАМЕШУНАВАД!!!
ИРМИЁ АЗ НАЗАРҲО ПИНҲОН БУД.
АММО ФАРОМӮШ НАШУДА БУД.
МАРО ҲАМА ФАРОМӮШ КАРДААНД?
НАХОД МАН ДАР ИН ҶО БИМИРАМ?
ОВОЗАҲО ДАР БОРАИ ВОҚЕАИ РӮЙДОДА ДАР ШАҲР ПАҲН ШУДАНД.

Ирмиё 38:1-6



ПОДШОҲ СИДҚИЁ, ОЁ ШУНИДӢ, КИ БО ПАЙҒАМБАРАТИР МИЁ ЧӢ ШУД?
ИН АЗ ОН САБАБ БА МАН ДАХЛ ДОРАД, КИ ШАХСИ АЗ ГУРУСНАГӢ МУРДАИСТОДАРО ДАР ЧОҲ ПАРТОФТА МОНДАН БАДКИРДОРӢ АСТ.
ИН БА ТУ, КИ ХОҶАСАРОИ ҲАБАШӢ ҲАСТӢ, ЧӢ ДАХЛ ДОРАД,АБДМАЛ ИК?
ТУ ЧӢ МЕХОҲӢ?
МАН ХУДОИ ШУМОРО ПАЙРАВӢ МЕКУНАМ.
ВА МЕХОҲАМ БА МАРДИ ХУДО ЁРӢ РАСОНАМ.
ВА ОН ГОҲ …
ЛАТТАПОРАҲО РО ЗЕРИ БАҒАЛАТ АЗ ТАГИ ТАНОБ МОН!
МАН АЗ ТУ МИННАТДОРА М,АБДМАЛИК.
ВОҚЕАҲОИ ДАҲШАТОВАР ДАР ПЕШ МЕБОШАНД.
ПАРВАРДИГОР МЕГӮЯД, КИ ТУ НАҶОТ ЁФТА МЕТАВОНӢ, ЗЕРО БА Ӯ ТАВАККАЛ КАРДАӢ …
СИДҚИЁ МЕХОҲАД БО ТУ ВОХӮРАД … ДАР АЛОҲИДАГӢ.
МАН АЗ ТУ ЧИЗЕРО МЕПУРСАМВА МЕХОҲАМ, КИ СОФДИЛОНА ҶАВОБ ДИҲӢ.
ЧАРО? ТУ, ЧУН ҲАРВАҚТА, ГӮШ НАМЕДИҲӢ.
ВА ОН ЧИ МАН БОЯД БА ТУ ГӮЯМ, ТАҒИЙР НАМЕЁБАД!




Ирмиё 38:7-15


ПАРВАРДИГОР ҚАРОР ДОДААСТ МОРО БА ДАСТИ БОБИЛ ДИҲАД!
АГАР ТУ ТАСЛИМ ШАВӢ, НА БА ХОСТИ БОБИЛ, БАЛКИ БА ХОСТИ ПАРВАРДИГОР МЕКУНӢ!
АММО МАН МЕТАРСАМ!
ИН ТАХТ БА ТАВРИ ҲАҚҚОНӢ АЗ ОНИ МАН НЕСТ!
МАРО БА ДАСТИ ЯҲУДИЁНИ БОБИЛ МЕДИҲАНД,ВА ОНҲО БА МАН ЗАРАР МЕРАСОНАНД Ё МЕКУШАНД!
НЕ. БА ПАРВАРДИГОР ИТОАТ НАМО, ВА БАРОИ ТУ ҲАМА ЧИЗ ХУБ МЕШАВАД.
АММО АГАР БЕИТОАТӢ КУНӢ, ХЕЛЕ БЕШТАР ЗАРАР МЕБИНӢ.
МАН ДАР ИН БОРА ФИКР МЕКУНАМ.
ДАР БОРАИ ГУФТУГӮИ МО БА ҲЕҶ КАС НАГӮЙ.
ИРМИЁ БА ҲАВЛИИ ПОСБОНОН БАРГАРДОНДА ШУД.
ДАР СОЛИ ЁЗДАҲУМИ СИДҚИЁ ЛАШКАРИ БОБИЛ ҒОЛИБ ШУД.СИДҚИЁ ТАСЛИМ НАШУД.
СИДҚИЁ ТАСЛИМ НАШУД. БА ҶОИ ИН Ӯ КӮШИШ КАРД ГУРЕЗАД.
ҲАНГОМЕ КИ Ӯ ВА ТОБЕОНАШ ДАСТГИР ШУДАНД, АҲЛИ ОИЛААШ ДАР ПЕШИ НАЗАРИ Ӯ КУШТА ШУДАНД.
БАЪД Ӯ КӮР КАРДА ШУД.
САРБОЗОНИ БОБИЛӢ ШАҲР ВА ИБОДАТГОҲРО ҒОРАТ КАРДА, КОҲИНОН, МУШОВИРОН ВА САРДОРОНРО БА АСОРАТ БУРДАНД.



Ирмиё 39; 52; Навҳаҳои Ирмиё 1-2




Ирмиё 40-41; Навҳаҳои Ирмиё 3-5


ДАР МИСР ОНҲО БА ЗУДӢ ХУДОЁНИ ДИГАРРО ПАРАСТИШ МЕКАРДАГӢ ШУДАНД.
НАХОД ШУМО ФАРОМӮШ КАРДЕД?
ШУМО ХУДОЁНИ ДИГАРРО ПАРАСТИШ МЕКАРДЕД, ВА ИН БА ЧӢ ОВАРДА РАСОНД?
КИШВАРАМОН БА БИЁБОНИ ТАРКШУДА ТАБДИЛ ЁФТ!
АКНУН ШУМО ДАР ИН ҶО НИЗ ҲАМОН ГУНА РАФТОР МЕКУНЕД!
МО БА ТУ ГӮШ ДОДАН НАМЕХОҲЕМ,И РМИЁ!
ВА МО БАРОИ МАЛИКАИ ОСМОН БУХӮР СӮЗОНДАН ВА ҚУРБОНӢ ОВАРДАНРО БАС НАМЕКУНЕМ!
МАН БА ШУМО БОВАР МЕКУНАМ.
ЯҲУДО БА ДАСТИ БОБИЛ ДОДА ШУД, ВА БО ХОНАИ НАВИ ШУМО ДАР МИСР НИЗ ҲАМИН ТАВР МЕШАВАД!
ҲАМАИ ЯҲУДИЁНЕ КИ ДАР МИСР ЗИНДАГӢ МЕУНАНД, ҲАЛОК МЕШАВАНД.
ИН БАРОИ ШУМО АЛОМАТ ХОҲАД БУД: ФИРЪАВН ҲУФРАЪ БА ДАСТИ НАБУКАДНЕСАР ДОДА МЕШАВАД …
…ЧУНОН КИ БО СИДҚИЁ ВОҚЕЪ ШУД!
НОМИ Ӯ ИРМИЁ БУД. ПАЙҒАМБАРИ НАВҲАКУНАНДА.
Ӯ ДАР ЗАМОНИ НОМУАЙЯНӢ ВА ТАНАЗЗУЛИ СИЁСӢ МЕЗИСТ.
ИМПЕРИЯҲОБАРПО МЕШУДАНД ВА БАРҲАМ МЕХӮРДАНД. ҲОКИМОН МЕОМАДАНД ВА МЕРАФТАНД.
АММО ИРМИЁ БА ВАЗИФАИ ХУД ВА БА ПАЁМИ ТАҒЙИРНОПАЗИР И ХУДО ВАФОДОР БУД.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**